МЕҲРАНГЕЗ

# ЗОЧА ШИФО ЁФТ

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2004

ББК 2+4
М-50

Муҳаррир ***Бобо Ҳоҷӣ***

Мусаввир ***Ҷомӣ Камол***

*Меҳрангез*. **Зоча шифо ёфт** (шеърҳо барои кӯдакон).
— Душанбе: «Адиб», 2004, 32 саҳ.

**М $\frac{4803540202\text{-}59}{\text{М } 501}$ 2004**

**© Мехрангез, 2004 с.**

# СИТОРАҲОИ ОСМОНИ МУСАФФОИ ДИЛ

Шеърҳои барои атфол навишта ва дар саҳифаҳои рӯзномаҳои ҷумҳурӣ чопкардаи Меҳрангезро хеле барвақт, даҳ-дувоздаҳ сол пеш хонда будам. Чанд сатри шеъраш бо номи «Тоҷикистон» дар лавҳи хотирам мондааст:

*Тоҷикистонам,*
*Ҷону ҷаҳонам.*
*Зебову дилҷӯ,*
*Мулки ҷавонам…*

Баъд дигар чашмам ба чакидаҳои хомаи ӯ дербоз наафтод. Ба ҳамин қарибӣ дастнависи шеърҳои барои тифлакон навиштаи ӯ «Зоча шифо ёфт» ба дастам афтид. Бо завқ хондам, хеле шод гаштам. Қаламбаргҳои хаёлаш ҳама сабзу дилҷӯю соддаву равонанд. Дар шеъри «Ба ҳамсинфам» ба дугонаҷонаш чун рӯзгордидагон таъкид мекунад, ки «Гапамро дар гӯшат дор»:

*Агар аъло бихонӣ,*
*Ҳаргиз дар намемонӣ.*

Кош хонандагони бепарвои мактабҳои имрӯза ин байтаки Меҳрангезро шиори хондан мекарданд.

Ҷаҳони тифлӣ басо рангин аст. На ҳар рассоме метавонад ҷилоҳои онро тасвир бикунад. Аз ашъори

Меҳрангез метавон пай бурд, ки ӯ ба муҳити зист, рӯйдодҳои ҳамарӯза басо бо завқу шавқи беғаш менигариста. Шеъри «Аспи аком» ҷолиб аст. Аспи ако калон, калони оддӣ не, «паҳлавон», болош нишинӣ «Ба моҳ ҳамнишинӣ» (парвози хаёлро бинед). Таваҷҷӯҳоварии «аспи ако» он аст, ки:

*Ин асп олитабор аст,*
*Зоташ зоти Ҳисор аст.*

Модар аз нигоҳи беолоиши Меҳрангез «Ҷону дилу ҷаҳон аст». Бисёр хуб. Шеъри «Бобом омад» хушрӯст. Духтараки шаҳрӣ аз омадани бобои деҳотиаш шод гашта, худро як лаҳза дар деҳ мебинад. Ба хонаи онҳо одами оддӣ не «Як олами нур» омада. Шеъри «Нони гарм»-и шоира бисёр гуворост. Духтарак бо шодӣ ҳамроҳи очааш нони гарм мепазад, вале ба зочааш «кулчаҳои нарм». Ба дадаҷонаш мегӯяд:

*Хӯред дадаҷон,*
*Нури ду чашмон,*
*Кулча бамазза,*
*Пур-пури ҷазза.*

Кулчаҳоро баҳри «меҳрубонон» худакаш пухта, аз падар офарин мешунавад. Падар фарзандро барои ҳунари кулчапазиаш таҳсин намуда мегӯяд:

*Дастакат Ширин*
*Набинад дардро.*

Таъбирҳои «Дастакат ширин» ва «Кулчаи ширин» хубанд.

Шеърҳои Меҳрангез «Ватанам» (Дар бари домони сабзат шодам, Аз замини ту бувад бунёдам), «Суруди баҳорӣ», «Куртаи чакан» (Чакан не, чаман, дар доманаш шукуфта гулҳои Меҳан), «Дар гирди арча», «Марҷонаи ман», «Танбал» (Ҳама аз ӯ безор), «Баҳор», «Орзуи наврӯзӣ» (рӯзи нав, пайки нав, аз қудумаш – Гулбасар рӯи ҷаҳон, зиндагӣ ширин шаваду қалбҳо бекин), «Гулдаста», «Гули лола» (ибораи «дар хун ғарқ» бисёр зебо омада), «Хуш омадӣ, баҳоро!» ва ғайра шилдироси обҳои чашмачаҳои кӯҳиро моноянд. Мехонию ҳузур мекунӣ. Шеър ҳузуру ҳаловат набахшад чи шеърест.

Нигоҳи шоира ба падидаҳои зиндагӣ дар шеъри «Номи уком – Ҷомӣ» басо таваҷҷӯҳовар аст. Намехоҳад, ки номи укояшро «Диловар» гузоранд, зеро дар синфашон вай бачаи «бадхон» аст. Мехоҳад, ки номи укош Ҷомӣ бошад, то шавад: «Шоири номӣ», Кӣ Ватанро дӯст намедорад? Ҳама дӯст медоранд онро. Бо ҳар тарзе ном мебаранд онро. Тоҷикистон барои Меҳрангез «Ҷону ҷаҳон аст». Орзуяш барои мулки ҷавонаш:

*Поянда бимон*
*Ҷон Тоҷикистон*

Орзуи ширину пок. Мо низ шарики орзуи туем Меҳрангез.

Ҷаҳони хаёли қаламкаш афсонаҳои зеборо мемонад. Тасвирҳояш касро ба ҳайрат мегузоранд. Дар

«Харгӯшаки сафедак» ном шеъраш Меҳрангез соҳирона акснигорӣ карда:

*Харгӯшаки сафедак,*
*Харгӯшаки сермӯяк…*

«Зоча шифо ёфт» ном шеъри Меҳрангез, ки нахуст-китобчааш чунин ном гирифтааст, хотирмон аст. Зочаи Нисо нотоб мешавад. Шоира ин ҳолату манзараро бо нигоҳи беғаш, бо ҳисси масъулиятшиносӣ, бо кофтану ёфтани калимаву ибораҳо ва санъатҳои мувофиқу «шинам» тасвир мекунад. Аз нотоб шудани зочааш кайфи Нисо мепарад, хобаш гум мешавад:

*Сари зочаро,*
*Нисо баста монд.*
*Рӯи курпача,*
*Оҳиста хобонд…*

Нисо барои зуд шифо ёфтани зочаи бемораш духтур даъват мекунад. Духтур чӣ кор кард?

*Сӯзандору кард*
*Ба дасти зоча.*
*Зоча хандиду*
*Мегуфт оча.*
*Зоча сиҳат шуд*
*Аз ғам раҳо шуд…*

Шоираи хурдсол бо ин шеъраш меҳрномаи инсондӯстӣ офаридаст. Дар замони савдозадаи мо меҳри инсонӣ кам шуд. Ин «амал»-ро Меҳрангез хеле барвақт пай бурда, ҳамаро (пиру барноро) ба меҳрубону ғамхор будан бо ҳам ҳидоят мекунад. Зочааш тифли имрӯза, ки шафқат мехоҳад.

Забони шево дорад Меҳрангез. Нигоҳи зебо дорад Меҳрангез. Дар эҷоди шеър барои тифлон маҳорати хуб дорад. Сактае надорад шеъри Меҳрангез. Чун нафаси субҳ пок аст шеъри Меҳрангез. Афсӯс, ки шеърнависиро тарк кардааст Меҳрангез. Қобилияту истеъдод дорӣ Меҳрангез. Шеър бинавис. Ба шоҳроҳи мушкилгузару ба афсонаҳои ширини бибиҳо монанд ва бонамаку шакардори онҳо бирав Меҳрангез, зеро шеъракҳоят ситораҳои осмони мусаффои дили тифлонаат ҳастанд. Ба роҳи падари бузургворат, нависандаи маҳбуби мо, ходими шинохтаи ҷамъиятиву фарҳангии мо Ато Ҳамдам бирав Меҳрангез, то ҳамдами ҳамагон бимонӣ. Ба ту барори эҷодӣ мехоҳам Меҳрангез.

Китобчаи баҳорамсоли Меҳрангез «Зоча шифо ёфт» хеле самимӣ, хотирмон, шакаррез эҷод шуда, шоистаи чоп (бо теъдоди зиёд) мебошад.

***Усмон НАЗИР,***
***узви Иттифоқи***
***нависандагони Тоҷикистон,***
***номзади илмҳои филологӣ.***

# АЗ НАШРИЁТ

Бачаҳои азиз! Китобчае, ки дар даст доред, тӯли як сол, яъне соли 1992 эҷод шудааст. Муаллифи ин шеърҳо Меҳрангез он айём 9-сола буд ва дар синфи сеи мактаби рақами 43-и пойтахт таҳсил мекард. Осори Меҳрангез ҳамон сол дар саҳифаҳои рӯзномаҳои «Анбоз», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Паёми Душанбе», «Омӯзгор», «Тоҷикистони шӯравӣ» паи ҳам ба табъ мерасиданд.

Худи ҳамон сол як силсила шеърҳои ӯ дар рӯзномаи машҳури бачагонаи Туркманистон «Бойчечак» бо забони туркманӣ ба табъ расиданд.

Соли дигар ва солҳои минбаъд дигар дар саҳифаҳои рӯзномаҳо шеърҳои бачагонаи Меҳрангез ба табъ нарасиданд. Яъне ӯ дигар думболи эҷоди шеър нашуд. Чаро? Ба ин суол падари Меҳрангез, ки аз аҳли эҷод аст, кӯтоҳ посух дод: «Дар он айём ман низ ин суолро ба Меҳрангез додам. Вай кӯтоҳ ҷавоб дод: «Дада, ҷанги бемаънии шаҳрвандӣ, дарбадарӣ ва ҳиҷрати ҳамватанон, хусусан ҳамсолони бегуноҳам мурғи илҳоми маро куштанд ва ман дигар наменависам...»

Меҳрангез имрӯз ҷавондухтари баркамол, модари ду гулписар — Ҳамдаму Ҳамроз, касбомӯзи соли ша-

шуми Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯали ибни Сино мебошад. Ба суоли мо «Ба адабиёти бачаҳо бармегардед ё не?» чунин ҷавоб дод: «Намедонам... Шояд... лекин ҳоло чизе гуфта наметавонам. Бори адабиёти бачаҳо басо вазнин аст. Онро на ҳар кас ба дӯш бардошта метавонад. Дар Тоҷикистон духтурони уролог аз ҳисоби занҳо кам аст. Мехоҳам соҳиби ин касб шавам ва дар хизмати бонувони тоҷик бошам».

Мо ба Меҳрангез — духтури оянда — дар амалӣ гаштани мақсадаш барор мехоҳем ва ашъори бачагонаи айёми нӯҳсолагиаш навиштаи ӯро пешкаши Шумо менамоем.

# ЗОЧА ШИФО ЁФТ

Зочаи Нисо,
Ногаҳ шуд нотоб.
Кайфи ӯ парид,
Гум карда ӯ хоб.
Сари зочаро,
Нисо баста монд.
Рӯи кӯрпача,
Оҳиста хобонд.
— Аз ҷоят начумб,
Гуфт, ба он Нисо.
Ҳозир меояд,
Духтур ба ин ҷо.
Гӯширо бардошт,
Нисо он замон.
— Зочаам бемор
Тезтар, холаҷон!
Ба ҷои хола,
Заррина омад.
Хилъате дар тан,
Аз дар даромад.
Сӯзандору кард.
Ба дасти зоча,
Зоча хандон гуфт:
— Ташаккур, оча!
Зоча шифо ёфт,
Аз ғам раҳо шуд.
Духтуру дору
Ба вай даво шуд



# БА ҲАМСИНФАМ

Дугонаҷон, дугона,
Тезтар, биё, ба хона.
Туйӣ зираку ҳушёр,
Гапамро дар гӯшат дор.
Агар аъло бихонӣ,
Ҳаргиз дар намемонӣ.
Гардӣ шоду сарфароз,
Ба ҳама маҳрами роз.

# АСПИ АКОМ

Аспи аком калон аст,
Калони паҳлавон аст.
Агар болош нишинӣ,
Ба моҳ ҳамнишинӣ,
Куҷо хоҳӣ мебарад,
Агар хоҳад, мепарад.
Ин асп олитабор аст,
Зоташ зоти Ҳисор аст.



## БОБОМ ОМАД

Ба хонаи мо,
Аз қишлоқи дур.
Имрӯз омад,
Як олами нур.
Халтае дар пӯшт,
Бобоям омад.
Аз дидани ӯ,
Ҷонам даромад.
Ҳамроҳи бобом,
Ба ҳавлии мо,
Бӯи хуш омад,
Бӯи гуворо.
Бӯи хуши боғ,
Бӯи Тошбулоқ.
Шамоли форам,
Чашмаҳои пок.
Бобоҷонамро,
Болида дидам.
Як лаҳза худро,
Дар деҳа дидам.

## МОДАР

Модари меҳрубонам,
Ҷону дилам, ҷаҳонам.
Дар роҳи зиндагонӣ,
Ҳастӣ ту соябонам.



## СУРУДИ БАҲОРӢ

Биё, равем дугона,
Ба сӯи дашту ёна.
Хонем суруди баҳор,
Гӯем дуруди баҳор.
Дуруд ба барноюю пир,
Ба зану марди далер.
Баҳоратон муборак,
Гулҳо шавад қаторак.

## НОНИ ГАРМ

Ҳамроҳи очам,
Пӯхтем нони гарм.
Вале ба зочам,
Кулчаҳои нарм.
Дадом ки омад,
Бегоҳӣ аз кор,
Наздаш гузоштам,
Кӯлчаҳо қатор.
— Хӯред дадаҷон,
Нури ду чашмон.
Кулча бамазза,
Пур-пури ҷазза.
Худам сохтаам,
Худам пухтаам,
Баҳри шумоён,
Эй меҳрубонон.



Дадом бигуфто,
— Ай ҷони дадо.
Дастакат Ширин,
Набинад дардро.

## ВАТАНАМ

Ватанам кишвари бепоёнӣ,
Ба дилу дида аҷаб шоёнӣ,
Дар бари домани сабзат шодам,
Аз замини ту бувад бунёдам.
Зинда бош, эй Ватанам, ҷону дилам,
Ба ту пайваста бувад обу гилам.

## КУРТАИ ЧАКАН

Куртаи чакани ман,
Чакан не, чамани ман.
Дар доманаш шукуфта,
Гулҳои меҳани ман.



## ДАР ГИРДИ АРЧА

Дар гирди арча,
Бисёр бозича.
Аспаку хирсак,
Шеру бузича.
Хирсаки каҷпо,
Давида омад.
Аз пасаш кашол,
Харгӯш даромад.
Биёед, дӯстон,
Ба базми моён.
Ҳамроҳ рақсем,
Шоду ғазалхон.

## МАРҶОНАИ МАН

Лӯхтакчаи ман,
Номаш Марҷона.
Рӯву биниаш,
Сафеду дона.
Сурхак мебошад,
Пою дастонаш.
Аммо сиёҳ аст
Чашму мижгонаш.
Чашмаш кушода,
Гиря мекунад.



Табъи маро ӯ
Хира мекунад.
Бо алда-сулда,
Ӯро хобондам.
Хоби хуш бинӣ,
Гуфта алондам.
Гапдаро будаст,
Марҷонаи ман.
Аз гиря бозмонд,
Дурдонаи ман.
Паҳлӯяки ӯ,
Ман ҳам хобидам.
Дар хобаки худ,
Маҳтоб дидам.

## ТАНБАЛ

Мӯрча дона мебарад,
Замбӯр асал парварад.
Булбул лона месозад,
Аспак ҳар сӯ метозад.
Танҳо танбал бекор аст,
Ҳама аз ӯ безор аст.

## БАҲОР

Баҳор биё,!
Баҳор биё!
Бубахш ба мо,
Нуру зиё.
Гули лола,
Биёр ба мо.
Дӯстат дорем,
Ҳамаи мо.

## ОРЗУИ НАВРӮЗӢ

Рӯзи нав, хуш омадӣ,
Бар диёри тоҷикон.
Пайки нав хуш омадӣ,
Бар замини гулфишон.
Аз қудуми неки ту,
Гулбасар рӯи ҷаҳон.
Хуррамиву дилнишин,
Дӯстиву меҳрофарин.
Орзуи наврӯзӣ:
Бо тамоми дилсӯзӣ,
Зиндагӣ ширин шавад,
Қалбҳо бекин шавад.

## ГУЛДАСТА

Аз лаби ҷӯбор,
Канори анҳор.
Чидам, чидам,
Гулҳои бисёр.
Гулдаста кардам,
Аз гули бисёр.
Барои очам,
Шуд тӯҳфа тайёр.

## ГУЛИ ЛОЛА

Ҷаро ин қадр сурхи ту,
Гули лола, гули лола?
Ва ё дар хун ғарқи ту,
Гули лола, гули лола?!

## НОМИ УКОМ — ҶОМӢ

Модарам омад,
Аз бемористон,
Ҳамроҳаш овард,
Як чизи печон,
Онро кушодем,
Гаштем шодон.



Нинича будаст,
Нинии гирён.
Ба модарҷонам,
Гуфтем ба шодӣ
Номи ниниро
Бигӯ, чӣ мондӣ?
Ба ман бигуфто
Шодона модар.
Бигзор бошад
Номаш Диловар.
— Не, гуфтам ба ӯ,-
Дар синфи моён
Бо ин хел ном ҳаст,
Бачаи бадхон.
Беҳтараш монем
Номашро Ҷомӣ.
То ки шавад ӯ,
Шоири номӣ.

## САЛОМ, МАКТАБ!

Имрӯз баъди таътил,
Боз омадем мактаб.
Мактаби ҷон, ассалом,
Расон моро ба матлаб.
Дари мактаб кушода,
Саҳни мактаб озода.

Овози занг баромад,
Ҳама ба синф даромад.
Маъвои бахт, ассалом,
Насли хушбахт, ассалом.

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистонам,
Ҷону ҷаҳонам.
Зебову дилҷӯ,
Мулки ҷавонам.
Манзараҳоят,
Хушу гуворост.
Боғу баҳорат
Ҷои тамошост.
Гулҳо шукуфон,
Дар дашту даман,
Фараҳфизоянд,
Боғоту чаман.
Кӯҳҳо сарбаланд,
Офтоб дурахшон,
Поянда бимон,
Ҷон Тоҷикистон.

## ХАРГӮШАКИ САФЕДАК

Харгӯшаки сафедак,
Харгӯшаки сермӯяк.
Афтакат ҳам аҷоиб,
Сафедаку зебояк.
Дар ҷангалҳо мегардӣ,
Тозон тозон медавӣ.
Агар рӯбоҳро бинӣ,
Дарақ-дарақ меларзӣ.
Натарс-натарс харгӯшак,
Сафедаки зебояк.
Биё, биё, ба наздам,
Мешавем ошнояк.

## ХУШ ОМАДӢ, БАҲОРО!

Давидему давидем,
Сари ёла расидем.
Бойчечак бисёр дидем,
Бойчечак бисёр чидем.
Ҳамин ки ташна гаштем,
Сӯи хона баргаштем.
Дар роҳ ба деҳ тоб хӯрдем,
Дуғу қурутоб хӯрдем.
Хуш омадӣ, баҳоро!
Баҳори гулузоро!



# МУНДАРИЧА

Ситораҳои осмони мусаффои дил ..... 3
Аз нашриёт ..... 8
Зоча шифо ёфт ..... 10
Ба ҳамсинфам ..... 12
Аспи аком ..... 12
Бобом омад ..... 14
Модар ..... 14
Суруди баҳорӣ ..... 16
Нони гарм ..... 16
Ватанам ..... 18
Куртаи чакан ..... 18
Дар гирди арча ..... 20
Марҷонаи ман ..... 20
Танбал ..... 22
Баҳор ..... 23
Орзӯи Наврӯзӣ ..... 23
Гулдаста ..... 24
Гули лола ..... 24
Номи уком — Ҷомӣ ..... 24
Салом, мактаб ..... 26
Тоҷикистон ..... 27
Харгӯшаки сафед ..... 28
Хуш омадӣ, баҳор ..... 28

*Меҳрангез*

# ЗОЧА ШИФО ЁФТ

*(шеърҳо барои кӯдакон)*


| | |
|---|---|
| Муҳаррири ороиш | ***А. Муҳаммадиев*** |
| Муҳаррири саҳифабандӣ | ***М. Саидова*** |
| Мусаҳҳеҳ | ***Гурдофарид*** |
| Тарроҳ | ***Ф. Раҳимов*** |

Ба матбаа 15.10.2004 супорида шуд. Ба чопаш 25.10.2004 ба имзо расид. Коғази офсет. Ҳуруфи адабӣ. Чопаш офсетӣ. Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$. Ҷузъи рангаи шартӣ 2,0. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 2,0. Адади нашр 1000 нусха. Супориши №26/04.

Нашриёти **«Адиб»**-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

Дар матбааи нашриёти «*ЭҶОД*» чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36. Тел.: 21-95-43.
E-mail: ejod@tajik.net.